«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________ Қурбонзода М.Р.
«05» 11 соли 2024

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳлили амиқи муҳтавою мундариҷаи диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки воқеан, диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, таҳти №6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои 2.14, 2.28, 3.20 ва 3.25 Шиносномаи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Сармоягузорӣ яке аз самтҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ дониста мешавад, ки ҳар як давлат дар самти фаъолияти худ ҷалби сармояро ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти мамлакат сафарбар месозад. Аз ҳамин лиҳоз, дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ҷалби сармоягузорӣ рушди иқтисодӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат мунтазам таъмин гардида истодааст. Вобаста ба ин, ҳамасола шартномаҳои тарафайн баста мешаванд, ки натиҷаи он ба рушди мамлакат таъсир мегузорад. Иқтидори сармоягузорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир аз тарафи олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки роҳандозии натиҷаҳои он барои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат мусоидат менамояд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри соли 2023 баён гардид, ки «Дар панҷ соли охир ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ беш аз 15 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз ба талаботи рушди иқтисодиёт ҷавобгӯй нест. Инчунин, таъкид менамоям, ки дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд». Вобаста ба ин, дар шароити имрӯза рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ саҳми соҳибкорони ватанӣ дар фаъолсозии сармоягузорӣ назаррас буда, аз ҳисоби он дар ҳар гӯшаву канори мамлакат иншоотҳои аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоидошта ба истифода дода мешаванд. Бинобар ин, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва васеъшавии иқтидори сармоягузорӣ ба соҳибкорони ватанӣ имтиёзҳои андозиву гумрукӣ ва дигар имтиёзҳои давлатӣ муқаррар карда шудааст.

Ташкили ҷанбаҳои фазои сармоягузорӣ барои имконияти рушди иқтидори сармоягузорӣ аз мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ барои рушди сармоя мусоидат мекунад. Дар ин асос талабот ба дарёфти роҳҳои ба амал овардани сармоягузорӣ дар минтақа ба вуҷуд омада, масъалаи таҳлил ва баррасии таъсири омилҳои ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақа муҳим дониста мешавад.

Дар ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои васеъшавии иқтидори иқтисодии кишвар, роҳҳои ҷалби сармоя ва механизми идоракунии иқтидори сармоягузорӣ нуктаҳои муҳим дарҷ гардидааст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки иқтидори иқтисодии кишвар бояд ҳамчун заминаи моддии амнияти миллӣ арзёбӣ гардад. Вобаста ба ин, истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ ва табиӣ, аз ҷумла таҳкимбахшии иқтидори рушд дар самти баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ рушди ояндаро муайян месозад ва гузаришро аз иқтисоди аграрию саноатӣ ба саноатию аграрӣ муҳим дониста мешавад. Дар баробари ин, дарёфти роҳҳои нави афзоиши иқтидори сармоягузорӣ, таҳия ва асоснок намудани онҳо муҳим буда, барои таъмини рушди минтақа, алалхусус минтақаҳои дар ҳолати рушд мавқеъгирифта хеле зарур аст.

Бо дарназардошти мушкилоти ҷойдошта диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович кори илмии анҷомёфта мебошад, ки дар он самтҳои

такмили иқтидори сармоягузории минтақа, механизми молиявии идоракунӣ ва дурнамосозии он ифшо гардидааст. Таҳқиқи минбаъда ва коркарди тадбирҳои дарёфти роҳҳои нави афзункунии иқтидори сармоягузорӣ, таҳия ва асоснок намудани онҳо муҳим буда, барои таъмини рушди минтақа, алалхусус минтақаҳои дар ҳолати рушд мавқеъгирифта хеле зарур мебошад. Бинобар ин, бо дарназардошти норасоии омӯзиши раванди мазкур, таҳқиқи таъсири сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла НТҶ баҳри ташаккул ва асоснокии сиёсати босамари сармоягузорӣ хеле муҳимму мубрам маҳсуб ёфта, интихоби мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои онро нишон медиҳад.

**3. Навгониҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо).** Сатҳи асоснокии илмӣ ва хулосаю тавсияҳои кори диссертатсионӣ бо омӯзишҳои анҷомдодаи муаллиф, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми сармоягузорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан ба манфиати кор мебошад. Унсурҳои навгонидоштаи диссертатсия, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузоштаро саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунин мебошанд:

- дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ аз тарафи муаллиф таърифи иқтидори сармоягузории минтақа пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳқиқ муайян карда шудааст, ки тақвияти усулҳои роҳандозии иқтидори сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкории хурди истеҳсолӣ барои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ҳамчун омили васеъшавии иқтидори иқтисодӣ ва рақобатпазирии минтақа баромад мекунад;

- аз натиҷаи таҳқиқот маълум гардидааст, ки сармоягузории минтақа ва омилҳои асосии ҷалби он аз рӯйи аломатҳо муайян карда мешавад, ки гурӯҳбандии онҳо яке аз самтҳои муҳим дониста мешавад. Инчунин, иқтидори сармоягузории кишвар аз ҷалби сармоягузории минтақаҳо ва субъектони хоҷагидории он вобаста мебошад. Маълум карда шудааст, ки тақвияти имкониятҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва молиявӣ аз роҳандозии иқтидори табиии минтақаҳо бармеояд. Бинобар ин, бо мақсади такмили иқтидори сармоягузории минтақа ва амалигардонии тавсияҳои илмии таҳқиқот модели ҳисобии он таҳия ва пешниҳод гардонида шудааст;

- дар диссертатсия бо мақсади самаранокии иқтидори сармоягузорӣ муайянсозии вазъи иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ ва таҳлили

муқоисавии онҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ гузаронида шудааст. Маълум карда шудааст, ки тақвияти соҳаҳои истеҳсолоти моддию хизматрасонӣ ва ҳолати иқтидорҳои сармоягузорӣ аз ташаккулёбии самараноки бозори сармоя ва механизмҳои истифодабарии захираҳо вобаста мебошад. Ташкили дахлдори маблағҳои пулӣ ва пасандозҳои аҳолиро ҳамчун шарти такмили иқтидори сармоягузорӣ ба эътибор гирифта, таъсиси инфрасохтори самараноки бозори фондӣ ба сафарбаркунии сармоягузориҳои хусусӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд;

- натиҷаи таҳқиқот ба муаллиф имкон додааст, ки тавсифи хусусиятҳои хоси иқтидори сармоягузории минтақаро ошкор ва муайян кунад. Бинобар ин, дар таҳқиқот алгоритми муайян кардани роҳҳои самараноки ҷалби сармоягузорӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқот барои арзёбии хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиии иқтидори сармоягузорӣ усули арзёбии бисёромилии иқтидори сармоягузории минтақа таҳия карда шудааст.

- дар диссертатсия собит карда шудааст, ки такмили иқтидори сармоягузории минтақавӣ ва механизми молиявии идоракунии он аз омӯзиши алоқамандии нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, афзоиши самаранокии сармоягузории кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунӣ маҳсуб ёфта, татбиқи он барои рушди иқтидори иқтисодии минтақа дар заминаи рушди ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад. Инчунин, муайян карда шудааст, ки низоми идоракунии таъмини самаранокии соҳаи аграрию саноатӣ заминаи асосӣ барои ташаккули иқтидори сармоягузорӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар диссертатсия барои такмили ташаккули иқтидори сармоягузории минтақа як қатор тадбирҳо коркард ва пешниҳод карда шудааст;

- бо мақсади таҳлил ва арзёбии ҳаҷм ва таркиби иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ дар таҳқиқот моделҳои эконометрикии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ барои рушди иқтисоди минтақаҳо коркард ва пешниҳод карда шудаанд. Муайян карда шудааст, ки фаъол будани сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбат ба сатҳи миёнаи фаъолияти сармоягузории кишвар қонеъкунанда нест. Дар раванди ҷаҳонишавии низоми иқтисодӣ ташаккули захираҳои молиявӣ дар муайян кардану истифодаи

имконоти худи минтақа мувофиқи мақсад мебошад. Барои муайян кардани ҳиссаи манбаъҳои сармоягузориҳо ба маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ва маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақаҳои ҷумҳурӣ моделҳои ҳисобии регрессионӣ таҳия карда шудааст, дурнамои нишондиҳандаҳои таҳлилӣ то давраи соли 2030 ҳисоб карда шудаанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии мавод, эътимоднокии маълумоти ҷамъоваришудаю коркарди оморики натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқотро натиҷаҳои илмӣ ва амалии таҳқиқоти муаллиф оид ба такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар бар мегирад. Муқарраротӣ илмӣ ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқот таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ вазъи муосир ва самтҳои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тақвият ёбанд. Баъзе тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфтаро дар ҷараёни таълим зимни тадриси фанҳои таълимии «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Сармоягузорӣ», «Иқтисоди миллӣ» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо» дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои амалӣ ва усулҳои дар диссертатсия дарҷшударо ҳангоми таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар раванди баҳисобгирии иқтидори сармоягузорӣ ва танзими равандҳои сармоягузории минтақа истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми пешбурди таҳқиқоти илмӣ оид ба афзоиши самаранокии иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа истифода шаванд. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.** Дар мукаддима мубрамии мавзуи таҳкиқоти диссертатсионӣ асоснок ва тавсифи умумии таҳкиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявию методологии таҳкиқ ва истифодабарии иқтидори сармоягузорӣ»** моҳияти иқтисодии назарияи сармоя ва амалияи истифодаи он, иқтидори сармоягузории минтақа омили асосии ҷалби сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ҷанбаҳои методологии омӯзиши иқтидори сармоягузории минтақа баррасӣ гардидааст. (саҳ 15-60).

Дар зербоби 1.1 оварда шудааст, ки асосҳои назариявии ҳаракати ташаккули иқтидори сармоягузорӣ аз пайдарпайии имкониятҳои дохилии эҳтимолии сармоягузорӣ ва истифодаи онҳо вобаста мебошад Яъне, дар ин замина имкониятҳои дохилии эҳтимолии сармоягузории кишвар ва минтақаҳои алоҳида тақвият ёфта, ҳангоми таҳияи масъалаҳои назариявӣ ва амалии иқтидори сармоягузорӣ ба ташаккули имконоти худӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир бояд кард (с.15-32).

Вобаста ба моҳияти иқтидори сармоягузории минтақа дар боби мазкур қайд гардидааст, ки он маҷмуи имконоти захираҳои иқтисодии дохилӣ ва ба минтақа ҷалбшудаест, ки дар сурати мавҷуд будани фазои мусоиди сармоягузорӣ сиёсати иқтисодии минтақаро татбиқ мекунад. Ҳамзамон, иқтидори сармоягузорӣ дар аксар ҳолат имкониятҳои маҷмуии захираҳои соҳавии ғайридоимиро дар назар дошта, имконоти афзоиши сармояи неруи корӣ ва тавоноии субъектҳои иқтисодиеро, ки ин захираҳоро дар муҳлат ва марҳилаи муайян пойдор нигоҳ медоранд, ифода менамояд (с.32-47).

Дар зербоби 3.3 қайд гардидааст, ки дар шароити нави иқтисоди миллӣ ва минтақаҳо навъи инноватсионии ташаккули иқтидори сармоягузорӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ҳамзамон, сифати иқтидори сармоягузорӣ на танҳо дар ҳамбастагӣ бо ҳадафҳои сиёсати сармоягузории минтақа, балки аз алоқамандии бевосита бо раванди татбиқи онҳо вобаста мебошад. Барои арзёбии фарогирии пурра ва таъмини идоракунии сифати иқтидори сармоягузории минтақа омилҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ, кадрӣ, ташкилӣ-идорӣ ҳамчун заминаи методии арзёбии таркиби иқтидори сармоягузорӣ баромад мекунанд (с. 47-60).

**Дар боби дуюм - «Таҳлили вазъи муосири иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ»** ташаккулёбии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар замони истиқлолият, омилҳои таъсиррасон ба

ташаккулёбии иктидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва баҳодиҳии иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд (саҳ. 61-110).

Дар зербоби 2.1 вазъи муосири иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳлил гардида, гуфта мешавад, ки ҳиссаи сармоягузории давлатӣ ба сармояи асосӣ аз 61,9%-и соли 2015 ба 76,6% дар соли 2022 бо тарики маҷмуӣ афзоиш ёфтааст. Аммо сармоягузории аҳолӣ дар давраи таҳлилӣ мутаносибан ба 3,6 то 2,7% ва сармоягузориҳои ташкилотҳои дигар аз 34,5 то 20,7% коҳиш ёфтаанд. Вобаста ба ин, чунин хулоса шудааст, ки дар ин ҷода бояд самте роҳандозӣ гардад, ки ба буҷети давлатӣ гаронии зиёд наорад ва баръакс, мавқеъеро бояд интихоб намуд, ки дар оянда мақом ва фаъолнокии сармоягузории аҳолӣ ва дигар ташкилотҳоро ҷоннок намояд. Бинобар ин, дастгирии мунтазами молиявии давлатии соҳибкории хурду миёна дар маҳалҳо, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва тақвияти имкониятҳои ҷойдошта дар минтақа боиси тавсеаи иқтидори сармоявии маҳаллӣ мегардад (с. 61-73).

Низоми арзёбии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ташкили базаи маълумоти фарогири нишондиҳандаҳои оморӣ вобаста аст. Ҳангоми арзёбӣ маълум гардидааст, ки афзоиши иқтидори сармоягузорӣ дар робита ба МММ, маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ мутаносибан ба 2,1, 3,4 ва 1,6-ро ташкил додааст, ки дар амалӣ гардонидани ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат менамояд. Инчунин, ташаккули иқтидори сармоягузорӣ дар робита ба натиҷаҳои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ гарчанде тафриқавӣ бошад ҳам, аз лиҳози боздеҳи сармоягузорӣ дар маҷмуъ суръати афзоиши саноат бештар ба амал омадааст, ки ин дар оянда асоси моддии баланд бардоштани иқтидори сармоягузории НТҶ-ро ташкил медиҳад (с. 96-110).

**Дар боби сеюм - «Самтҳои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ»** такмили иқтидори сармоягузории минтақа ҳамчун омили рушди иқтисодӣ, самтҳои такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ ва моделсозӣ ва дурнамои иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои то соли 2030 мавриди таҳқиқ ва хулосабарориҳо қарор дода шудаанд (саҳ. 111-177).

Дар боби мазкур оид ба такмили иқтидори сармоягузории минтақа ҳамчун омили рушди иқтисодӣ қайд гардидааст, ки вобаста ба хусусияти

ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ ва вазифаҳои стратегӣ иқтидори сайёҳӣ бо дарназардошти механизми ташаккулёбии сатҳи рушди зерсохтори сайёҳӣ ва объектҳои сайёҳию солимгардонӣ зарур мебошад. Ҳангоми арзёбии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сатҳи танзими давлатии равандҳои сармоягузорӣ ва аҳаммияти назорат ва мониторинги равандҳои сармоягузорӣ, дастгирии сармоягузорони дохилӣ ва берунӣ ва васеъ истифода бурдани механизмҳои ҳавасмандсозии молиявии сармоягузорон муайянкунанда мебошанд. Дар заминаи қонунгузории муосири кишвар, ки онҳо асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодии ҳавасмандсозӣ ва дастгирии давлатиро тавассути додани ҳуқуқи баробар ва кафолати ҳифзи сармоягузорон муайян мекунанд, такмили иқтидори сармоягузории минтақавӣ ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ дар ҳалли муаммоҳои рушди сармоягузории минтақа мусоидат мекунад. Барои пешрафти иқтисодии минтақа рушди ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан растанипарварӣ метавонад заминаи устувор бошанд (с. 111-133).

Натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ нишон додааст, ки тақвияти иқтидори иқтисодӣ ва самаранокии сармоягузорӣ аз такмили механизми молиявию иқтисодии идоракунии раванди мазкур вобаста мебошад. Бинобар ин, такмили механизми молиявию иқтисодии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ ба иқтисоди индустриалӣ-аграрии инноватсионии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нигаронида шуда, аз ташкили фазои мусоиди фаъолияти бахшҳои воқеии иқтидори сармоягузорӣ вобастагии зич дорад. Механизми мазкур ба воридшавии сармоя ба иқтисоди миллӣ ва минтақаҳо, хусусан ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Яъне, чунин раванд имкони воқеии ҳаракати озоди воситаҳои сармоявиро дар бахшҳои афзалиятнок ба истеҳсоли маҳсулоти аграрии минтақа тавсеа мебахшад (с. 134-150).

Дар зербоби 3.3 қайд гардидааст, ки дар марҳилаи баромадани соҳаи инноватсионии сармоягузорӣ ба масири рушди устувор таъсири бештаринро ба тағйирёбии он манбаъҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои асосии иқтисод мерасонанд, ки таҳлили алоқамандии онҳо дар заминаи таҳлили маълумоти воқеии фаъолияти субъектҳои иқтисодии минтақаҳо вазифаи хеле муҳим мебошад. Вобаста ба ин, дар зербоби мазкур таҳлили коррелятсионии сарчашмаҳои сармоягузориҳо бо МММ, ММС ва ММК барои минтақаҳои ҷумҳурӣ анҷом дода шудааст. Инчунин, барои муайян намудани ҳиссаи

манбаъҳои сармоягузориҳо ба МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳо моделҳои ҳисобии регрессионии арзёбӣ таҳия ва пешниҳод гардонида шудаанд (155-156). Ҳамзамон, бо мақсади дурнамои нишондиҳандаҳои ММС, ММК ва ССА минтақаҳои ҷумҳурӣ моделҳои регрессионӣ таҳия гардида, дар асоси онҳо дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур барои солҳои 2025-2030 ҳисоб ва пешниҳод гардидааст (с. 167-168).

Дар қисмати хотимавии кори баррасишаванда хулосаҳои асоснок бо истинод ба интишороти довталаб ҳамчун натиҷаҳои асосии диссертатсия ва тавсияҳои оид ба истифодаи амалии онҳо оварда шудаанд (с. 177-180).

Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи он дар нашриҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб оид ба шаклгирии диссертатсия.** Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллифи диссертатсия аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Дар саҳифаи 50 зербоби 1.3 муаллиф ҷиҳати татбиқи раванди идоракуни як қатор талаботҳоро номбар намудааст. Аммо доир ба мафҳуму моҳияти онҳо тавзеҳоти мушаххас ва диди худро мавриди пайгири кам қарор додааст.

2. Дар боби 2 диссертатсия (саҳифаи 62) ҷадвали 2.1 муаллиф маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои сармоягузориро дар шохисҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод намудааст. Ба назари мо баҳри мустаҳкамсозии шохисҳо хуб мешуд, ки манбаҳои ҷалби сармоягузорӣ вобаста ба ҳисса гуруҳбанди мегардид.

3. Дар зербоби 2.2 (саҳифаи 77) муаллиф шакли дастаҷамъи-сармоягузориро ба унвони муносибтарин роҳ ҷиҳати афзоишдиҳии иқтидори сармоягузорӣ баён намудааст. Аммо дар бораи мафҳуму моҳияти ин намуди сармоягузорӣ ва махсусан роҳҳои такмили он дар кишвар назари худро муфассал иброз накардааст.

4. Муаллиф дар ҷадвали 3.13 натиҷаи таҳлили корелиатсионии МММ ва манбаҳои сармоягузориро ба сармояи асосӣ дар НТҶ мавриди таҳлилу пешниҳод қарор додааст. Дар шарҳи ин ҷадвал муаллиф иброз доштааст, ки

байни омилҳои таҳлили вобастаги коллинери вуҷуд надорад. Хуб мешуд, ки баҳри исботи ин далел муаллиф назари худро ба таври мушаххас асоснок менамуд.

5. Дар зербоби 3.3 унвонҷӯ бо мақсади таҳлил, арзёбӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои таалуқ ба иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ моделҳои эконометрикиро таҳия ва пешниҳод намудааст. Инчунин, барои муайянкунии имконияти ташаккули иқтидори сармоягузорӣ вобастагии фоизии МММ, ММС ва ММК-ро бо омилҳои таъсиррасони сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ коэффитсиентҳои чандириро ҳисоб намудааст. Аммо, шарҳи иқтисодии коэффитсиентҳои мазкур ба таври зарурӣ кушода нашудаанд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъи дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо тағйир намедиҳад.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду маводи пешниҳодшудаи унвонҷӯ бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мутобиқат менамояд. Унвонҷӯ Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович аз рӯйи тахассус ва натиҷаҳои илмии бадастоварда ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифати шоистаи ӯро чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул кардани қарорҳо ва муайян намудани роҳҳои расидан ба вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъкид намуд.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баррасии диссертатсия нишон дод, ки вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф дар умум 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

**10. Мутобиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия.** Автореферат ва мақолаҳои муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд ва ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, корҳои интишоркардаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд.

## 11. Хулосаи умумӣ.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфтаи дорои хислату мазмуни илмию амалидошта, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он - Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №3 аз 21 октябри соли 2024).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор - 20 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа,**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Раҳимов П.С.

**Ташхисгар,**
н.и.и., саромӯзгори кафедраи молияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Султонов М.С.

**Котиби ҷаласа,**
Доктор PhD, саромӯзгори кафедраи
молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Гулов Б.М.

*Имзоҳои Раҳимов П.С., Султонов М.С. ва Гулов Б.М.-ро тасдиқ менамоям.*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон, 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53, E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj*